**“ ТАСДИҚ МЕКУНАМ:”**
**Директори Маркази тадқиқоти стратегии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**д.и.ф., профессор**
**_______________ Зиёӣ Х. М.**
**« 6 » сентябри соли 2021**

**Тақризи**

**ташкилоти пешбар ба диссертатсияи Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯъи «Мукаммалгардонии механизми ташкили иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон) » барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Тибқи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи энергетика ин таъмини бехатарии энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ муайян карда шудааст. Умуман дар шароити кунунӣ ҳалли масъалаҳои таъмини энергия ва баланд бардоштани сатҳи таъмини самаранокии истифодаи он, ҳам дар иқтисодиёти миллӣ ва ҳам дар иқтисодиёти соҳаҳо ва хоҷагиҳои алоҳида мавқеъӣ асосиро мебозад. Азбаски хароҷоти энергия яке аз қисмҳои таркибии арзиши аслии маҳсулотҳоро ташкил намуда, сатҳи даромади хоҷагиҳо ба он вобастагии ногусастанӣ дорад, бинобар ин, самаранок истифода бурдани захираҳои энергетикӣ ва таъмини сарфи ками он омили асосии сифатан баланд бардоштани рушди иқтисодиёти миллӣ ва инчунин иқтисодиёти ҳар як хоҷагии алоҳидаи кишоварзӣ мегардад.

**1. Муҳиммияти мавзӯи диссертатсия.** Истифодаи оқилона ва фаъолияти пурсамари қувваи барқ дар деҳот, ислоҳоти соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ, ки қариб боз си сол инҷониб идома дорад, ба вазъи комплекси агросаноатӣ сахт вобастагӣ дорад. Аммо, новобаста ба як қатор муътадилнокӣ дар комплекси агросаноатӣ, ҳолати бахши кишо-

варзӣ ҳамоно мураккаб боқӣ мемонад. Он ба якбора паст рафтани раванди истеҳсолот, пурзӯршавии мубодилоти беарзиш, робитаҳои ноустувори хоҷагидорию истеҳсолӣ, кам гардидани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳамчун натиҷа, шиддатёбии вазъи иҷтимоӣ маънидод мегардад.

Айни замон вазъият дар рушди шабакаҳои барқи деҳот ру ба эътидол омада истодааст. Онҳо асосан тавре ном бурда мешуд, дар давраи электрикунонии саросари пурраи кишвари шӯроҳо, нимаи дуюми солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-уми асри гузашта бунёд ёфта, захираҳои техникии худро асосан анҷом додаанд. Шабакаҳои барқӣ имкони бағоят сусти барқгузаронӣ ва эътимодбахшии басо паст доранд. Таъсири табиӣ аз нишондиҳандаҳои техникии хатҳои барқгузарон боло шудаанд. Аз ин хотир, тез-тез аз кор баромадани таҷҳизот ва таъмини номукаммали барқ дар деҳот ба як ҳодисаи маъмулӣ табдил ёфтааст. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти муассисаҳои бо барқтаъмикунӣ, соле то ҳазор маротиба ҳодисаҳои аз кор баромадани хатҳои барқ мушоҳида мегардад. Ин вазъ ба дар баъзе ҳолатҳо ба исётеҳсолкунандагони деҳот зарари ҷиддии иқтисодӣ мерасонад.

Як нуқтаро низ ҳамзамон бояд қайд намуд, ки масъалаи таъмини барқ, бахусус дар деҳот, саноатикунонӣ ва рушди деҳот, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифати истифодаи самаранок ва оқилонаи он, дар шароити амалигардонии саноатикунонии ҷумҳурӣ, ки яке аз чор ҳадафи стратегии мамлакат муаррифӣ гардидааст, низ аҳамияти назариявию амалии худро доро мебошад. Маҳз ҳалли ҳаматарафа ва амиқи муам-моҳои дар боло овардашуда интихоби мавзӯи диссертатсияи номзадии мазкурро ба миён овардааст, ки фикр мекунам ин мавзӯъ яке аз масъа-лаҳои мубрами рӯз, муҳим ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

**2. Дараҷаи асосноксозии дастовардҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия баррасигардида.** Новобаста аз таҳқиқотҳои дар ин

самт гузаронидашуда, масъалаҳои такмилдиҳии механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти барқ дар деҳот, вобаста ба муосир будани мавзӯи таҳқиқот, чандон дуруст омӯхта нашуда, асосҳои назариявии механизми фаъолияти барққунонии деҳот акнун гузошта мешавад. Методология ва усулҳо (методҳо)-и тадқиқот ба истифодаи қонунҳои бунёдӣ, методологияи таҳқиқи классикони соҳаи иқтисодиёт, олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, низоми захиравӣ ва сарфакории энергия асос ёфтааст.

Заминаҳои иттилооотии тадқиқотро маводҳои ҳисоботҳои омори расмӣ, ҳисоботҳои солонаи хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон, хазинаи маълумотҳои нозироти техникӣ, нозироти энергетикӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои методикӣ, меъёрҳо ва маҳакҳо, ҳисоботҳои ташкилотҳои илмӣ-тақиқотӣ, мушоҳидаҳои бевоситаи муаллиф ва дигар маводҳо ва сарчашмаҳо ташкил медиҳанд.

**3. Ҳақиқӣ (воқеӣ) будан ва татбиқи навигариҳои илмии таҳқиқотҳои бадастомада.** Навигариҳои илмии таҳқиқот асосан ба ҳолату вазъияти ташаккулёбии муназзам ва раванди истифодаи сарфаи энергия бо назардошти мукаммалгардонии механизми ташкили иқтисодии рушди барқи деҳот, хусусиятҳои минтақавӣ ва омилҳои табиӣ-иқлимии онҳо асоснок карда шудаанд, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд: таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии инкишофи қувваи барқ дар деҳот мавриди омӯзиш қарор гирифта, рушди қувваи барқ - ҳамчун асоси хоҷа-гии халқ ва самти стратегии бехатарии иқтисодӣ муайян гардида, қувваи барқ дар деҳот-ҳамчун омили асосии ба баландбардории фаъолияти комплекси агросаноатӣ мусоидаткунанда асоснок гардидааст; алоқамандии байниякдигарии назариявӣ ва вазъи методологии сатҳи рушди нерӯи барқ дар деҳот ва манфиатнокии имконоти энергетикии истеҳсолоти хоҷагии деҳот - ҳамчун маҷмӯи бо ҳампайваст ошкор гардида, ҳаммонандӣ дар иртиботи бевосита байни бо барқтаъминкунии хоҷагии деҳот ба натиҷаҳои истеҳсолот ва нафъи

умумӣ аз истифодабарии он асоснок ва муайян гардидааст; рушди гидроэнергетика ва нақши он дар таъмини қувваи барқ дар деҳот муайян гардида, вазъи ҳозира, ҳолати таъмини қувваи барқ дар комплекси агросаноатӣ арзёбӣ гардида, тамоюли рушди қувваи барқ дар деҳот мавриди таҳлил қарор гирифтааст; дар асоси истифодабарии ҳисоботи муносиб доир ба таҷдиди таҷҳизот барои сарфаи нерӯи барқ ва татбиқи технологияҳои инноватсионии ба сарфаи қувваи барқ нигаронидашуда ва техникаи аъзои кооператсияи истеъмолӣ дар заминаи субъекти хоҷагидорӣ вуҷуддошта, ки имконияти паст намудани сарфаи захираҳои барқӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо раванди таҷдиди техникии аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мусоидат менамояд, тавсияҳои амалӣ дода шудаанд ва ғ.

Диссертатсияи номзадӣ дар ҳаҷми 168 саҳифаи компютерӣ навишта шуда, аз се боб, ёздаҳ параграф иборат буда, 236 руйхати адабиётҳоро дар бар гирифтааст.

*Дар муқаддимаи диссертатсияи мазкур* муҳиммияти мавзӯъ асоснок ва муайян карда шуда, мақсад, вазифа ва навигариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсияи номзадӣ оварда шудааст.

*Дар боб (фасл)-и якум,* ҷанбаи назариявии инкишофи қувваи барқ дар деҳот, рушди қувваи барқ - асоси хоҷагии халқ ва самти стратегии бехатарии иқтисодӣ, қувваи барқ дар деҳот - омили асосии ба баландбардории фаъолияти КАС мусоидаткунанда мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Ба ақидаи муаллиф, истеҳсоли энергетикӣ аз дигар истеҳсолот бо он фарқ мекунад, ки онро наметавон захира кард. Ҳар қадар нерӯи барқ агар истеҳсол шавад, ҳамон лаҳза онро истифода бояд бурд. Агар ба таърихи истифодаи қувваи барқ дар замони шӯравӣ назар андозем, он замон истифодабарандагони бузург дар ҳудуди ҷануби Тоҷикистон вуҷуд надошт. Афзоиши пайвастаи сарбориҳо, вобаста ба кор даромадани корхонаҳои нав дар ҷануб ва пайвастани ноҳияҳои нав ба

қатори истифодабарандагони нерӯи барқ, ҳамчунин рушди системаи обёрикунии мошинии заминҳо боз ба норасоии қувваи барқ оварда расонид. Бахри рафъи норасой, то ба истифодабарӣ супурдани чархаҳои нерӯгоҳи Норак қарор дода шуд, бо суръати тез, ҳар се чарха, дар Маркази барқу гармидиҳии бунёдшавандаи Ёвон ба истифодабарӣ дода шавад. Ҳарчанд, ки Маркази барқу гармидиҳӣ маҳз барои ин корхона сохта мешуд, аммо бунёди корхонаи кимиёи Ёвон хеле кашол меёфт. Маркази барқу гармидиҳии Ёвон имкон дод, системаи энергетикӣ ба таври муътадил фаъолият намояд. Баъдан ҳангоми ба истифодабарӣ супурда шудани чархаҳои аввали нерӯгоҳи Норак ва паст гардидани нишондиҳандаҳои лоиҳавии корхонаи кимиёи Ёвон, Маркази барқу гармидиҳии Ёвон, дар рақобат нисбати нерӯи арзони нерӯгоҳи Норак, умуман нолозим шуда монд. Марказ дар фасли тобистон аз фаъолият бозмонда, танҳо фасли зимистон як чархаи он фаъолият мекарду халос (с.34-35).

Ҷанбаҳои назариявии диссертатсияи мазкурро таҳқиқ намуда, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки баҳри рушди электрикунонии хоҷагии деҳот нерӯгоҳи Норак саҳми калон гузоштааст. Барои бунёди ин иншооти нодир ва нотакрор беш аз 200 пажуҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ ва корхонаҳо саҳм гузоштаанд. Электрикунонии васеи соҳаи кишоварзӣ, асоси механикунонӣ, автоматикунонии комплексии равандҳои истеҳсолӣ, беҳдошти шароити меҳнату маишат, муваффақ шудан ба фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ дар баробари сарфи ками меҳнат барои истеҳсоли он, ба ҳисоб меравад. Раванди фаъолияти муътадили иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла КАС, натанҳо ба сатҳи рушд ва дараҷаи баланди фаъолияти соҳаҳои моддии истеҳсолот, ҳамчунин таъмини пурраи талаботи онҳо дар истеҳсолоти ёрирасон маънидод мегардад.

Сохторҳои истеҳсолоти вилояти Хатлон бештар ба хизматрасонии соҳаи саноат муайян шудааст. Ба рушди сохторҳои соҳаи кишоварзӣ бошад, чандон эътибори лозима зоҳир намегардад.

Ин соҳа дар фаъолияти худ яке аз аввалинҳо шуда, ба вазъи бuҳрони иқтисодӣ рӯ ба рӯ гашта, айни замон нисбат ба соҳаи саноат дар ҳолати басо ногувор қарор дорад. Ҳарчанд имконоти инкишофи соҳаи кишоварзӣ басо калон аст (с. 44-45).

*Дар боби дуюм*, таҳлил, вазъи ҳозира ва тамоюли рушди қувваи барқ дар деҳот мавриди омӯзиш қарор гирифта, рушди гидроэнергетика ва нақши он дар таъмини қувваи барқ асоснок гардида, ҳолати таъмини қувваи барқ дар комплекси агросаноатӣ, таҳлил, вазъи ҳозира ва тамоюли рушди энергетика дар деҳоти ҷумҳурӣ муайян карда шудааст.

Таҳлили ҳозираи истифодабарии захираҳои энергия дар хоҷагиҳои кишоварзиро гузаронида, ба андешаи муаллиф нархҳо ба қувваи барқ аз соли 2009 то соли 2019 ба миқдори аз 135,0 то 170, 0 % зиёд гардидааст. Аз ин хотир, ба ақидаи диссертатсиянавис масъалаи асосӣ баҳри барқарор ва рушди хоҷагии деҳот - ин ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ мебошад. Ҳиссаи маблағгузорӣ дар маблағҳои асосӣ барои хоҷа-гии деҳот, дар сохтори умумии иқтисоди миллӣ аз 15,9 %-и соли 1990 то 3,6 % дар соли 2019 паст шудааст. Ба ақидаи ӯ, пеш аз ҳама, ин ба маблағгузорӣ ба тавоноии энергетикаи хоҷагии деҳот таъсир расондааст, ки ин рақаму далелҳо дар ҷадвали №8, саҳифаҳои 72-73-и диссертатсия мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки бо афзоиш ёфтани истифодаи энергия истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ зиёд мешавад, вале дар ин маврид, ҳам дар соҳаи растанипарварӣ ва ҳам дар соҳаи чорводорӣ дар навбати аввал истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои сӯзишворию энергетикиро таъмин кардан зарур аст. Бо ин мақсад муаллиф рақаму далелҳои дар боло овардашударо таҳлил намуда, рисоланавис бо хотири таъмин барқ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС) дар минтақаи таҳлилшаванда амалигардонии чорабиниҳоро пешниҳод менамояд.

Дар асоси маълумотҳои ба дастомада гуфтан мумкин аст, ки баландбардории таъминот бо барқ дар соҳаи кишоварзӣ, яке аз самтҳои афзалиятноки баландабардории фаъолияти пурсамари хоҷагиҳои деҳот аст. Айни замон истифодаи пурсамари қувваи барқ бо мақсади мувофиққунонӣ ва роҳ надодан ба истифодаи ғайриистеҳсолии қувваи барқ (талафот, истифодаи бесамар) лозим аст. Ҳар гуна афзоиши истеъмоли қувваи барқ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бо мақсади паст намудани ҳаҷми ғунҷоиши барқ дар маҳсулоти кишоварзӣ бояд мусоидат намояд. Вобастагии миёнаи фаъолияти пурсамар ва сатҳи таъминот бо барқи хоҷагиҳои деҳот сабаби хароҷоти пасти мустақим барои қувваи барқ дар арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда маҳсуб меёбад(с. 94).

*Дар боби сеюм,* самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми ташкилию иқтисодии рушди қувваи барқ дар деҳоти вилояти Хатлон асоснок ва пешниҳод гардида, роҳҳои баландабардории нақши хизматрасониҳои хоҷагии барқ дар асоси кооператсиякунонии истеҳсолоти вилояти Хатлон муайян карда шуда, асосҳои ташкилӣ-иқтисодии мукам-малгардонии системаи нафъовари таъминоти барқ дар деҳот пешниҳод гардида, баландбардории сатҳи бо барқ таъминкунии равандҳои истеҳсолӣ дар асоси азнавсозии техникии таҷҳизотҳо коркард гардидаанд.

Ба андешаи муаллиф, яке аз муаммои муҳим, ин интихоби шакли ташкили хизматрасонии техникии барқӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси таҳлили қонунгузориҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти муносибати бартариятнок нисбати моликияти муассисаҳои деҳот, метавон ташкили хизматрасонии мазкурро аз рӯи ин се вариант (шакл) тавсия дод: *варианти якум* - бо ризоияти иштирокчиёни коопе-ратсияи байнихоҷагии муассиаи мунисипалӣ ташкил додани тобеияти бевосита дар раёсатҳои кишоварзӣ ва озуқаворӣ; *варианти дуюм* – таш-

кили ҷамъияти саҳҳомӣ бо муассисон: ташкилотҳои хоҷагии деҳоти КАС, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ширкатҳои барқӣ; *варианти сеюм* - ташкили кооператсияи матлубот дар сатҳи ноҳия бо муассисон - ташкилотҳои кишоварзии КАС (с. 104).

Яке аз самтҳои муҳимтарини сарфаи энергия дар соҳаи кишоварзӣ, истифодаи технологияи инноватсионии ба ҳифзи захира ва энергия раво-накардашуда ("ресурсо- и энергоресурсосбергающая технология") ва истифодаи сарфакорони қувваи барқ мебошад, ки дар бисёре аз хоҷагиҳо, аз он ҷумла кооперативҳои вилояти Хатлон истифода мешавад. Аз ин ҷост, ки муаллиф пешниҳод менамояд, ки беҳтар мебуд, агар кооперативи молистеҳсолкунандагони деҳот ташкил карда мешуд, ки муассисони он хоҷагиҳои деҳоти минтақаи аввали иқтисодӣ мебуд. Роҳҳои амалӣ намудаи онро муаллиф дар мисоли ташкили сохтори кооперативи матлуботи "Нигоҳдошти қувваи барқи Муродалӣ" пешниҳод менамояд.

Ба ақидаи рисоланавис, самтҳои асосии фаъолияти кооперативи "Нигоҳдошти қувваи барқи Муродалӣ" инҳо маҳсуб меёбад: иҷроиши корҳои пудратӣ (насбкорӣ, таҷдиду навсозии системаи бо барқтаъминкунии хоҷагиҳои деҳот); хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизоти барқии фермаҳои чорводорӣ ва дигар истеҳсолоти ёрирасон; ташкил ва азхудкунии технологияҳои навини барқии сарфакор ва усулҳои физикию барқии таъсиррасонӣ ба объектҳои биологӣ, ки дар пешомади истеҳсолоти технологии маҳсулоти деҳот мутобиқ шудаанд; коркард ва азхудкунии воситаҳои "энергетикаи хурд" дар заминаи истифодаи захираҳои энергетикии маҳаллӣ, система ва таҷҳизоти омехта (с. 109).

Ба андешаи муаллиф, коэффитсентҳои ислоҳӣ, ки истеъмоли қувваи барқро дар истеҳсолоти деҳот муайян месозанд, бо назардошти зерин ба инобат гирифта мешаванд: пешрафти сохторӣ дар истеҳсолоти кишо-

варзӣ, дар маҷмӯъ афзоиши саҳми чорводорӣ ҳангоми пастравии саҳми растанипарварӣ; дар чорводорӣ афзоиши ҳиссаи модаговҳо дар саршумории чорвои калони шохдор; имкони амалисозии чорабиниҳои эҳтиёт-кунандаи барқ, дар навбати аввал каммасраф; имкони электрикунонӣ, аз ҷумла равандҳои гармидиҳӣ (с. 130).

Яке аз дастовардҳои соҳаи илмӣ, ки аз он ҷумла таҳқиқотчиён зимни иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ амалӣ менамоянд - ин истифодаи усулҳои математикӣ-иқтисодии моделсозӣ дар диссертатсияҳои номзадию докторӣ мебошад. Аз ин ҷост, ки рисоланавис фикру хулосаҳои худро бо дурустии нишондиҳандаҳои интегралӣ тавассути муайян намудани шакли таҳлилии вобастагии байни таъмин ва сатҳи рушди иқтисодӣ, тасдиқ месозад. Ба ақидаи ӯ дар методикаи коркардшудаи муқаррарсозии бузургии талабот ба қувваи барқ аз ҷониби хоҷагиҳои деҳоти кишоварзии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, то сатҳи дақиқ талаботи умумӣ ба қувваи барқ муайян карда шавад.

Методи пешниҳодгардидаи пешбинӣ имкон медиҳад инкишофи раванди дар пешомади наздик ба шакл дароварда шуда, вобаста ба иншооти омӯхташаванда ва соҳаи фаъолияти идоракунӣ, мумкин аст ба осонӣ шакли дигар гирад. Аз ҷумла, методи нишондиҳандаҳои ҷудогонаро, бо мақсади пешбинии истеъмоли қувваи барқ дар хоҷагии деҳоти вилояти Хатлон, метавон истифода бурд, ки дар диссертатсия оварда шудааст (с. 131-132).

*Дар қисми хотимавӣ,* хулосаҳо асоснок карда шуда, баъзе пешниҳодхо оиди ҳалли муаммоҳо ва роҳҳои мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқи деҳот дар мисоли вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**4. Аҳамиятнокии хулоса ва пешниҳодҳо барои илм, имконият ва татбиқи истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот.** Андешаҳои алоҳидаи назариявӣ консепсияҳо ва принсипҳое, ки нисбат ба шароитҳои иқтисодиёти нақ-шавӣ ва ё бозорӣ таҳия карда шуда буданд,

метавонанд ба сифати роҳҳои мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқи деҳот дар мисоли вилояти Хатлон ва унсурҳои алоҳидаи он дар марҳалаи муосир истифода бурда шаванд. Арзиши амалии диссертатсияи номзадии Сабриддини Сафовуддин истифодаи натиҷаи таҳқиқотҳои илмию назариявӣ дар конфренсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалии Донишгоҳи аграри Тоҷикистон ба ном Ш. Шоҳтемур (солҳои 2015-2017), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2016-2018), Донишгоҳи давлатии Данғара (солҳои 2015-2020), Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон (солҳои 2015-2018) ва ғайраҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Қисматҳои ҷудогонаи диссертатсияро зимни коркарди барномаи комплексии хоҷагии деҳот истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

**5. Арзёбии мазмуни диссертатсия, баохиррасии он дар маҷмуъ, эродҳо ва пешниҳодҳо барои таҳияи рисола.** Дар қатори бартариятҳои диссертатсияи номзадии мазкур, як қатор хулосаю пешниҳодҳо оиди боз ҳам хубтару беҳтар намудани мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи номзадӣ пешниҳод мешавад, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Хубтару беҳтар мебуд, ки дар диссертатсия рӯзмарагии масаъла боз ҳам пурратар ва навовариҳо васеътар карда мешуд.
2. Дар қисми назариявии диссертатсия, муаллиф аз адабиётҳо ва сарчашмаҳои илмии ватанӣ васеъ истифода намудааст, ки онҳо на танҳо мазмуну мундариҷаи қисми назариявии рисоларо бой намудааст, аммо мутаасифона дар қисми хотимавии параграфи мазкур фикру хулосаҳои худи муаллиф кам ба назар мерасанд, ки албатта бояд ба назари эътибор гирифта мешуд.
3. Хуб мешуд, ки муаллиф дар диссертатсия таҷрибаҳои хориҷӣ ва таҳлили муқоисавиро мегузаронид, ки ин ба мақсад мувофиқ буд.

4. Дар диссертатсия ҷадвалҳои зиёд оварда шуда, расму нақшаҳо кам ба назар мерасад.

5. Дар диссертатсия оварда шудааст, ки яке аз вазифаҳои асосӣ ва фаъолияти кооператив ин баланд бардоштани сатҳи бо барқтаъминкунии равандҳои истеҳсолӣ, дар шароити бетағйир ё пастшавии бузургӣ ва ҳаҷми харҷҳо барои барқрасонҳо дар сохтори арзиши маҳсулоти кишоварзӣ ба шумор меравад. Бояд илман асоснок намуд, ки дар шароит чунин шакли ташкили хизматрасонии системаи таъминот бо барқ пешниҳод гардида дуруст аст.

6. Хеле ба мақсад мувофиқ мебуд, рисоланавис дар қатори он масъалаҳои ҳамзамон мубрами рӯз, ки ба муаммоҳои истифодаи самараноки энергия дар деҳот бахшида шудааст, ҳамчунин ба масъалаҳои истифодаи барқи деҳоти минтақа нархгузориҳо асоснок баён меёфтанд.

Инчунин, дар диссертатсияи номзадӣ баъзан хатогиҳои имлоию стилистикӣ вомехӯранд.

Аммо хушбахтона пешниҳодҳо ва эродҳои дар ин ҷо баррасишуда, на он қадар ҷиддӣ буда ба мазмун ва муътавои кори илмии мазкур таъсири манфии худро намерасонад.

**6. Тасдиқи натиҷаҳои асосии рисола дар соҳаи илм чопшуда.**

Рисолаи номзадии Сабриддини Сафовуддин миқдори зиёди ҷадвалҳои оморӣ, аналитикӣ ва расму диаграммаҳоро дар бар гирифта, ба мазмун ва мундариҷаи кори илмӣ-таҳқиқотии мазкур мувофиқат намуда, асоснок карда шудааст. Ҳолатҳои асосии рисола дар нашрияҳои омодокардашуда аз он ҷумла дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз ҷониби Коммиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд чоп шуда, мақола ва чопи маводҳои илмии муаллиф ба самти кори илмию таҳқиқотии диссертатсияи номзадӣ мувофиқат менамояд. Аз рӯи маводи рисола 16 корҳои илмӣ, ки аз онҳо 5 мақолаҳои илмӣ дар

маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА Федератсияи Россия ва назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**7. Мувофиқ омадани мазмуни автореферат ба натиҷаҳои асосии рисола.**

Автореферат мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсияро ифода намуда дар он натиҷаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшуда шарҳи пурраи худро ёфта, асоснок карда шудаанд. Як нуқтаро низ ҳамзамон бояд қайд намуд, ки диссертатсияи номзадии мазкур бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) яке аз қадамҳои нахустини "пионерӣ" дар роҳи таҳқиқ ва рушди корҳои илмию таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

Кори илмии Сабриддини Сафовуддин ба талабатҳои тахия ва навиштани КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Аз ин ҷост, ки аз рӯи мазмуни илмӣ ва шакли тахияи диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи "Мукаммалгардонии механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои иқтисодӣ, ки ба талаботҳои қисм (пункт)-и 9-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба додани дараҷаи илмӣ" ҷавобгӯ аст. Ҳамаи ин рақаму далелҳо бе ягон шакҳу шубҳа аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кори илмии мазкур сазовори баҳои баланд буда, муаллифи он Сабриддини Сафовуддин арзандаи дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) мебошад.

Вале камбудиҳои ҷой дошта наметавонад қиммати диссертатсияро коҳиш диҳад.

Диссертатсияи Сабриддини Сафовуддин дар мавзӯъи «Мукаммалгардони механизми ташкили иқтисодии рушди барқ дар деҳот (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷгии қишлоқ) барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ ба дараҷаи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷгии қишлоқ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 6-уми сентябри соли 2021 бо суратҷаласаи таҳти № 36 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Раис ва эксперти ҷаласа,
Муовини директори Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон н.и.и., дотсент Ҷурахонзода С.Х.

Лоиҳаи тақризро тайёр намудааст,
и.в. сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои Макроиқтисодии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.и Курбанмурадова О.М.

Котиби ҷаласа, сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои
соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насриддинов Ф.И.

Имзои н.и.и., дотсент Ҷурахонзода С.Х., н.и.и. Курбанмурадова О.М. ва Насриддинов Ф.И. тасдиқ менамоям Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва умумии МТС-и назди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодиева З. Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО